Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №103 (2930) | ШАНБЕ, 11 АВГУСТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## БА МУРОҶИАТИ ШАҲРВАНДОН ЭЪТИБОРИ ҶИДДӢ МЕБОЯД

### ё иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» қарзи ҳар як хизматчии давлатӣ мебошад

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро ба сифати арзиши олӣ эътироф намуда, тамоми сохторҳои марбутаи давлатиро барои амалан таъмин намудани ҳифзу риояи он масъул сохтааст.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи инсон кор бо муроҷиати шаҳрвандон мебошад. Тавассути арз ё шикоят шаҳрванд мехоҳад ҳалли мушкилоти бамиёномадаро аз мақомоти ваколатдор дархост намояд ва умедвор аст, ки мушкилоташро мақомоти давлатӣ дар доираи қонун ва адолати иҷтимоӣ дарк ва дастгирӣ менамояд.

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти принсипҳои демократӣ, баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани халқ ва муколама бо мардумро омили муҳими кафолати эътимоди онҳо ба ҳокимияти давлатӣ ҳисобида, фаъолияти худро бо роҳи бевосита баргузор намудани вохӯрию сӯҳбатҳо бо мардум қавитар намуда, вокуниши зарурӣ ва саривақтиро ба муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иқдоми зарурӣ мешуморад. Бо ҳамин мақсад ва баҳри таъмини иҷрои супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 майи соли 2012 таҳти №324 Қарор «Оид ба Нақшаи чорабиниҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012»-ро қабул намуд, ки тибқи он аъзои Маҷлиси миллӣ, Дастгоҳи он рӯзҳои қабули сокинони кишварамонро мушаххас намуд. Дар ин замина, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Убайдуллоев, муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ.Расулзода, муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ.Қосим, раисон, муовинони раисони кумитаҳо ва дигар аъзои Маҷлиси миллӣ ҳазорҳо шаҳрвандонро ба қабули худ пазируфта, арзу дархости онҳоро дар доираи қонунгузории кишвар ва шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, баррасӣ карда, нисбати ҳар яки онҳо қарорҳои дахлдор ва асоснок қабул мекунанд. Дар ин робита Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи кории худро таҳия ва тасдиқ намуд, ки дар он ба таҳкими кор бо муроҷиати шаҳрвандон диққати хоса дода шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки дар давоми нимсолаи аввали соли 2012 вобаста ба масъалаҳои гуногун ба Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 82 нафар шаҳрванд бевосита муроҷиат намуда, 162 муроҷиати хаттӣ ворид шудааст. Аз шумораи тариқи хаттӣ воридшуда 55 адад аз шаҳри Душанбе , як адад аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 41 адад аз вилояти Суғд, 35 адад аз вилояти Хатлон ва 30 адади дигар аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошанд. Аз 162 муроҷиати хаттии воридгардида, ки қисме аз онҳо хусусияти иҷтимоӣ доштанд, бо супоришномаҳои Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба мақомоти марбута ирсол ва иҷрои онҳо зери назорати шӯъбаҳои Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ қарор дода шуданд. Боқимондаи онҳо тибқи талаботи муқарранамудаи қонунгузорӣ аз рӯйи мансубият ба мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои кишвар ирсол шудаанд.

Аз маҷмӯи муроҷиатҳои таҳти назорат қарордошта 26 - тоаш бинобар дарёфт намудани ҳалли қонунии худ аз назорат соқит шуда, ба муаллифон ҷавоби расмӣ ирсол гардид. Назорати баррасии 17 адади дигараш идома дорад. Аз ин шумора се муроҷиат, ки баррасиашон мӯҳлати иловагиро талаб менамуд, аз ҷониби Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳалли ниҳоӣ тамдид шуданд.

Масалан, дар робита ба муроҷиати дастаҷамъонаи шаҳрвандон Г.Атаханова, С.Лолаев ва дигарон (ҷамъ 11 оила) дар бораи ғайриқонунӣ бе додани дигар манзили истиқоматӣ кӯчониданашон аз хобгоҳи ҶСП «ДЗХ Помир» бо супориши роҳбарияти Маҷлиси миллӣ дар назди Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният зери роҳбарии раиси ин Кумита комиссияи махсус бо ҷалби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таъсис дода шуда буд. Дар натиҷаи кори пурсамари комиссия ва масъулини Дастгоҳ дар давраи ҳисоботӣ 11 нафар муроҷиаткунандагон бо аҳли оилаашон бо ҷойи зист таъмин гардиданд. Азбаски дар масъалаи ҳаҷми маблағи иҷорапулӣ баҳс пайдо гардид, дар ҷаласаи навбатии комиссия ба нақша гирифта шуд, ки ҳалли масъалаи мазкурро дар рӯзҳои наздик таъмин намоянд.

Таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон собит сохт, ки мӯҳтавои онҳо асосан аз баҳси манзили истиқоматӣ, норозӣ будан бо ҳукм, ҳалнома ва таъинотҳои судӣ, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ё аз ҷониби суд таъин намудани ҷазои вазнин, мавриди шиканҷа қарор додани гумонбаршудагон, муносибатҳои ғайриқонунии баъзе мансабдорони мақомоти давлатӣ, расонидани кӯмаки молиявӣ, инчунин таъмин намудан бо қитъаи замин, нафақа ва ғайра иборат мебошанд.

Чунончӣ, муроҷиатҳои шаҳрвандон С.Саъдуллоева дар хусуси таъмини нафақа ва расонидани кӯмак барои амалиёти ҷарроҳии чашми фарзандаш, М.Кутсяба оид ба расонидани кӯмаки моддӣ, Р.Ҷорубов дар хусуси бозҳисобии нафақааш тибқи супоришномаҳои Раиси Маҷлиси миллӣ барои баррасӣ ба вазоратҳои тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Ҳисор ирсол карда шудаанд, ки онҳо дар доираи муқаррароти қонунгузорӣ ва ба таври мусбӣ ҳалли худро ёфтанд.

(Идома дар саҳ. 2)

## Мулоқот бо зиёиёни Бадахшон

Чанд рӯз аст, ки муовини Сарвазири мамлакат Қурбонова Руқия Атоевна бо як гурӯҳи корӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо мардуми маҳаллаҳо сӯҳбату вохӯрӣ гузаронида истодааст.

Руқия Қурбонова дар толори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят бо кормандон, фаъолони шаҳру вилоят вохӯрӣ доир кард.

Вохӯриро раиси шаҳри Хоруғ Иброимбек Ғозибеков ҳусни оғоз бахшида, ба Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кӯмаки беғаразона ба мардуми вилоят, минҷумла шаҳри Хоруғ изҳори сипос намуд ва ваъда дод, ки мардуми шаҳри Хоруғ дар атрофи Президенти мамлакат муттаҳид гашта, 80 – солагии шаҳри Хоруғро бо тӯҳфаҳои арзанда ҷашн хоҳанд гирифт.

Муовини Сарвазири мамлакат Руқия Қурбонова зикр кард, ки дар ҷараёни сафари мазкур тибқи дастури Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон баробари расонидани кӯмак ба табақаҳои ниёзманд бо вазъи имрӯзаи вилоят шиносоӣ пайдо намудем.

Руқия Қурбонова изҳор дошт, ки тӯли 20 соли Истиқлолият дар қаламрави вилоят иншооти зиёди замонавӣ бунёд гардидааст. Ин навсозиҳо симои шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоятро куллан тағйир додааст.

Руқия Қурбонова ба дониши хуби хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи М. Назаршоев баҳои баланд дода, оиди боз ҳам беҳтар намудани вазъи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, дастрасии хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, ободонии диёр сухан гуфт. Мавсуф изҳор дошт, ки сол то сол маблағгузорӣ барои пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ зиёд мегардад.

Масалан, барои соҳаи маорифи вилоят агар дар соли 1995 ҳамагӣ 73 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда бошад, дар соли 2012 барои ин соҳа 54 миллиону 648 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст. Дар давоми 20 сол дар вилоят 109 бинои муассисаҳои таълимӣ бо харҷи 124 миллиону 465 ҳазор сомонӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Барои соҳаи тибби вилоят дар соли равон 24 миллиону 658 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст. Ҳамчунин аз ҷониби ташкилотҳои ёрирасон ба маблағи зиёда аз 30 миллион доллари амрикоӣ техникаву таҷҳизоти ҳозиразамони тиббӣ ба муассисаҳои тиббии вилоят ҳамчун кӯмак ворид карда шудааст.

- Вале ин ҳама ҳанӯз басанда нест, - арз дошт Руқия Қурбонова. – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду нумӯъ ва инкишофи иқтисодиву иҷтимоии ВМКБ барномаҳои нав ба навро таҳия месозад.

Дар вохӯрӣ сардори Идораи маорифи вилоят Ғарибшо Ғарибшоев, сармуҳаррири рӯзномаи «Оинаи зиндагӣ» Руқия Давроншоева, муовини раиси шаҳри Хоруғ Соҳибназар Холиқназаров ва дигар иштирокдорон суханронӣ карда, аз боби мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли он ҳарф заданд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ муовини раиси вилоят Қиматгул Алибердиева ба муовини Сарвазири мамлакат Руқия Қурбонова арзи сипос намуда, ӯро бовар кунонд, ки бадахшониён баҳри тинҷиву оромии кишвар ва ояндаи неки Ватан кӯшиш ба харҷ хоҳанд дод.

***Ш.ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»***

## Аз кӯмак бархӯрдор гаштанд

Ҳар сол чун анъана дар арафаи моҳи шарифи Рамазон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон, бахусус ВМКБ кӯмаки яквақта аз фонди захиравии Сарвари давлат расонида мешавад.

Рӯзи 3 августи соли равон корвони кӯмаки Сарвари давлат таҳти роҳбарии муовини Сарвазири мамлакат Қурбонова Руқия Атоевна ва вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадаминов Маҳмадамин ба шаҳру ноҳияҳои вилоят расид.

Кӯмаки Сарвари давлат қариб ба ҳашт ҳазор оила, аз ҷумла 23 нафар иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҳамсарони бесаробонмондаи онҳо, 86 нафар маъюбони интернатсионалист, 109 нафар маъюбони садамаи Чернобил, 1091 нафар маъюбони то синни 18 – сола, 163 нафар ятимони бесаробонмонда, 476 нафар маъюбони гурӯҳи якум, 5828 оилаи камбизоат ва зиёда аз 200 нафар оилаҳои зарардида расонида шуд.

Ба ҳар як нафари ниёзманди аҳолӣ 50 кг орд, 25 кг биринҷ, 20 литр равған, 20 кг шакар, 10 кг макарон, инчунин ба маъюбони то синни 18-сола, ятимону, иштирокчиёни садамаи Чернобил дар баробари маводи хӯрока сарулибос, пойафзол ва ароба тақсим карда, дода шуд.

Комиссияи тақсимот ба ноҳияи Дарвоз барои 1100 нафар, ноҳияи Ванҷ барои 766 нафар, ноҳияи Рӯшон барои 1321 нафар, ноҳияи Шуғнон барои 1134 нафар, ноҳияи Роштқалъа барои 903 нафар , ноҳияи Ишкошим барои 926 ва ноҳияи Мурғоб барои 1074 нафар ва ғайра маводи заруриро ҷудо ва тақсим кард.

Дар маҷмӯъ, аз хазинаи Президенти мамлакат ҳамчун кӯмаки хайрия ба миқдори 426,8 тонна орд, 197 тонна биринҷ, 197,5 тонна шакар, 158 тонна равған, 79 тонна макарон ва ба 1277 нафар иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбони то синни 18- сола, ятимону бепарасторон либосу пойафзол расонида шуд.

***Ш.ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»***

● Шарҳи Қонун

## ҒАНОВАТИ БУҶЕТ АЗ РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТ АСТ

***Чанде пеш, баъди имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, як силсила қонунҳое, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ ёфта буданд, мавриди амал қарор гирифтанд. Ҳадафи асосии қонунҳои фавқуззикр мукаммал намудани заминаи қонунгузории соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар ва беҳбудӣ бахшидани сатҳу сифати зиндагии сокинони ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Мутаассифона, на ҳама шаҳрвандон дар бораи муҳимият ва зарурати мавриди амал қарор гирифтани чунин қонунҳо маълумоти кофӣ доранд. Бо назардошти мавҷуд будани холигоҳи иттилоотӣ доир ба ин масъала зимни баргузории Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ба аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намуд, ки баҳри ба аҳолӣ фаҳмонидани моҳияту зарурияти қонунҳои ба тозагӣ таҳия, қабул ва ҷонибдоригардида аз воситаҳои ахбори омма васеъ истифода намоянд.***

***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» қонуни наву мукаммал, ҷадид ва муҳиму саривақтӣ маҳсуб меёбад. Бо мақсади иҷрои дастури Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ва огоҳ намудани хонандагони рӯзнома бо ҳадаф ва мазмуну моҳияти қонуни фавқуззикр мо аз узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори генералии ҶСК «Тоҷиксемент» Маҳмадсаид Зувайдов хоҳиш намудем, ки онро шарҳ диҳад.***



**-Маҳмадсаид Маҳмудович, рӯйи кор омадани қонуни мазкур аз кадом омил маншаъ гирифтааст?**

-Омили асосии таҳия, қабул, ҷонибдорӣ ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» таваҷҷуҳи рӯзафзуни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба бахши соҳибкорӣ маҳсуб меёбад. Соли гузашта зимни ирсоли Паёми худ ба мақоми олии қонунгузори мамлакат -Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат минҷумла зикр намуданд: «Бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар истеҳсолот, бо назардошти ҷалб намудани техника ва технологияи муосир ва тадриҷан афзун намудани истеҳсоли маҳсулот, дар дохили кишвар барои ҳама гуна тафтишу санҷиши фаъолияти сохибкороне, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд, дар муддати се соли аввал мораторий эълон карда шавад». Бо ин мақсад 30 сентябри соли сипаришуда Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ содир гардида буд.

**-Мувофиқи мақсад мебуд, дар бораи ҳадаф ва моҳияти қонун ба хонандагони рӯзнома маълумоти мухтасар медодед ва сипас ба моддаҳои алоҳидаи он дахл намоем.**

-Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкориро дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд ва техникаю технологияи навро барои васеъ намудани на кам аз нисфи истеҳсолот ҷалб менамоянд, муайян, тартиби мораторияро муқаррар, инчунин ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандиро ҳифз менамояд. Ин қонун аз 11 модда иборат буда, мафҳумҳои асосӣ, таъсиси Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, мутобиқати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба субъекти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, боздоштани амали муқаррароти як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳолатҳоро муайян менамояд. Ман мӯътақидам, ки қонуни зикршуда барои рушди истеҳсолоти дохилӣ, ғановати буҷети давлатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулот мусоидат хоҳад намуд.

**-Шумо аз Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи мораторияе, ки қонун пешбинӣ намудааст, ёдовар шудед. Ин комиссия аз ҷониби кадом мақом таъсис дода мешавад ва намояндагони кадом мақомот шомили он мебошанд?**

-Комиссияи фавқуззикр мақоми доимоамалкунанда буда, аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ дар давраи татбиқи моратория таъсис дода мешавад. Ҳайати комиссия ва Низомномаи он низ аз ҷониби Ҳукумат тасдиқ мешавад. Ба ҳайати он намояндагони мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, андоз, гумрук, сертификатсия, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва намояндагони бахши хусусӣ шомил мебошанд.

**-Тибқи талаботи қонун, мутобиқати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро ба субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ Комиссияи фавқуззикр муайян менамояд. Барои хонандагони рӯзнома ҷолиб аст, ки то чӣ андоза шаффофияти ин раванд таъмин мешавад?**

(Идома дар саҳ. 2)

## ВАҲДАТИ МИЛЛӢ МАРОМИ МОСТ

Баҳори соли 2000-ум аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 54 оила ихтиёран ба ноҳияи Қубодиён муҳоҷир шуда омад. Ба онҳо дар яке аз мавзеъҳои хоҷагии собиқ Фирдавсии деҳоти «Навобод» ҷойи зист доданд. Ҳоло дар ин макон деҳае ба номи «Наврӯз» арзи вуҷуд дорад. Бошандагони деҳа ҳама осудаву дӯстона кору зиндагӣ мекунанд ва чун дигар мардуми диёр Қубодиёнро ҳамчун зодгоҳи худ дӯст медоранд. Вале, чун шуниданд, ки дар Хоруғ воқеаҳои нохуш рух додааст, хотири эшон мушавваш шуда, саркардаҳои онро сиёҳкорони инфиродӣ хонданд.

**С.Саидмаҳмадов: - омӯзгори мактаби деҳа:**

- Ман омӯзгораму ба фарзандони мардуми деҳаи «Наврӯз» забони русӣ меомӯзонам. Дар деҳаи мо барои омӯхтану ҳунар гирифтан тамоми шароит муҳайёст. Ин ҳама фазои хушу осуда, ки фароҳам омадааст, натиҷаи ваҳдату ватанпарастии ҳар яки мо мебошад. Мо -омӯзгорон вазифадорем, ки шогирдонро дар рӯҳияи ватанпарварӣ, дӯстиву росткорӣ тарбия кунем. Хислатҳои неки инсониро дар қалбашон ҷой намоем. Талқин кунем, то фардо ба роҳи хато нараванд. Дӯстдорандагони Ватани азизу номбардори миллат бошанд. Ин аст мароми мо дар зиндагӣ.

**Наталия Чоршанбеева, сокини деҳа:**

- Дар дили мо - модарон меҳру шафқат чу оби чашмаҳои Помир ҳамеша ҷорист. Аз ин ҷост, ки қалби мо аз андак ташвиш ва ҳаводиси нохуш ба ларзиш меояд. Ҳаргиз мабод он рӯзе, ки ба сари фарзанди нафаре мусибат ояд. Аз шунидани воқеаҳои нохуш, ки чанде пеш дар шаҳри Хоруғ рух дод, мо воқеан ҳам мушаввашхотир гардидем.

Вале чун вазъ бо сарварии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба эътидол омадааст, шукри Худоро мекунем, ки ақли солим ғолиб омад.

Акнун қалби мо тасалло ёфту ором гаштем. Шодем, ки зиндагӣ бо мароми пешинааш идома дорад.

**Суҳайли Қурбоналӣ –омӯзгори мактаби №41:**

- Бадахшонро, ки зодгоҳам аст, намехоҳам парешон бинам. Ай ҳамватан, хоки пур зи лаълу заратро, модари муштипаратро, ёру бародаратро хору зор макун! Боварам ҳаст, ту мисли онҳое, ки аслиҳаашонро супурдаанд, пайрав мешавию сарбаланд пайи ҳаёти осуда мегардӣ. Аз ин беҳтар амали шоистае нест туро.

Ман ҳам зодаи Бадахшони азизам. Намехоҳам халқам гирифтори бадбахтӣ шавад, оташи кинаву адоват синаҳои пурорзуро сӯзад. Хуб медонем, ки ғараз аз амалҳои номатлуби гурӯҳҳои силоҳбадаст манфиатҷӯийист. Онҳо худхоҳанд ва танҳо барои амалӣ сохтани манфиатҳои худ мекӯшанд. Набояд фирефтаю гумроҳ шавед:

*Ҳар кӣ бар душмании халқ*
*равон аст чу баҳр,*
*Зуд бошад, ки сари хеш чу*
*гирдоб хӯрад.*

**Гулзода Қурбоншоева – сарвари мактаби деҳа:**

- Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ тавонист дар муддати кӯтоҳ ба ҷанги шаҳрвандӣ ва низоъҳои минтақавӣ бо талошу ҷонфидоиҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон хотима бахшаду сулҳу ваҳдати миллиро устувор гардонад. Ҳоло ки дар кишвари гулгулшукуфони мо фазои осоишу саодат ҳукмрон аст, мардум шукр аз ин неъмати Худодод мекунад. Ду ҳафта пеш аз воқеаҳои дар Бадахшон рухдода огоҳ шуда, ғамгин гаштем. Охир, ба мо чӣ шудааст, ки ҳаёти хушу гувороро барои чанд ифротии саргум аз даст раҳо карданӣ мешавем? Шаъну эътибори худро дар назди ҷаҳониён паст мезанем?

Боре чунин ҳодисаҳоро аз сар гузаронида, қариб худ ва миллати худро ба нестӣ бурда будем. Ин ҳақиқати талх ва сабақи додаи таърихро набояд фаромӯш кунем, то ки ҳаёти осоиштаю ваҳдати мо халалдор нагардад.

***Таҳияи Собир НОСИРОВ, муҳаррири рӯзномаи «Шараф»-и ноҳияи Қубодиён***

## МАВЗУНА - ФАХРИ ТОҶИКИСТОН



Сокинони Тоҷикистонро пирӯзии духтараки 19 -солаи тоҷик Мавзуна Чориева дар Бозиҳои XXX олимпии тобистонаи Лондон-2012 хушҳолу сарбаланд гардонд. Бо вуҷуди он ки як сабқати муҳим дар пеш буд, аммо мусобиқаи 6 август анҷомёфта Мавзунаро пирӯз гардонд, зеро ба қатори ғолибон ворид гардид. Варзишгардухтари тоҷик Мавзуна Чориева бо Ченг Донги 25-сола аз Ҷумҳурии Халқии Хитой, барандаи дукаратаи медалҳои нуқраи мусобиқаи қаҳрамонии ҷаҳон сабқат намуд. Бо вуҷуди он ки қади Ченг Донг нисбат ба Мавзуна 17 сантиметр баланд буд, дар ин қувваозмоӣ муштзандухтари тоҷик кӯшиш кард, ки зарбаҳояш ба ҳадаф расанд. Қувваозмоии пуршиддат бо пирӯзии Мавзуна Чориева, аз рӯйи холҳо бо ҳисоби 13:8 поён ёфт.

Баъди ин мусобиқа, зимни мусоҳибаи фаврии хабарнигори «Озодӣ», Мавзуна оид ба пирӯзии хеш, ки хеле дар ҳаяҷон буд, чунин гуфт: «Ман ба як чиз боварӣ доштам, ки ба Худо ба самимияти ман бовар кунед, ки дурӯғ намегӯям. Ҳашт миллион нафар дар қафои ман буданд. Ман ба худ чунин гуфтам, ки бояд ба тамоми дунё нишон диҳам, ки духтари тоҷик чӣ гуна аст! Аз ман меҳнат буд ва баракаташро ман аз Худованд дидам».

Мухлисони сершумори тоҷикдухтар мусобиқаи 8 август барпошударо бесаброна интизор буданд. Ҳарифи Мавзуна, яке аз варзишгарони номии Ирландия Кэт Тейлор буд ва дар ин мусобиқа ғолибиятро ба даст овард. Аммо, онҳое, ки ҷараёни ин мусобиқаро аз телевизион тамошо карданд, ба ҷасорату ғайрати тоҷикдухтар қоил шуда, аҳсант гуфтанд. Дар ин қувваозмоии пуршиддат бо чемпиони чоркаратаи ҷаҳон, Мавзуна чолокию матонат нишон дода, то он ҷое ки имкон дошт, Кэтро дар ҳолатҳои ногувор қарор дода, зарбаҳои нишонрас зад.

Сокинони Тоҷикистон воқеан ҳам аз комёбии Мавзуна Чориева- соҳиби медали биринҷӣ ифтихор доранд. Ба шарофати ин дастоварди ӯ байрақи моро дар миёни 204 кишвари иштирокчии Бозиҳои XXX олимпии тобистонаи Лондон-2012 баланд бардоштанд.

***Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

# БА МУРОҶИАТИ ШАҲРВАНДОН ЭЪТИБОРИ ҶИДДӢ МЕБОЯД

(Идома аз саҳ. 1)

Муроҷиати сардабири рӯзномаи «Миллат» А.Умарова дар бораи норозӣ буданаш бо ҳалномаи Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо дастури расмии Раиси Маҷлиси миллӣ барои баррасӣ ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шуд. Раёсати Суди шаҳри Душанбе парвандаи номбурдаро ҳамаҷониба баррасӣ намуд ва бинобар ҳангоми баррасии парванда риоя нагардидани меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ қарори суди зикргардидаро бекор намуда, парвандаро барои аз нав баррасӣ намудан ба Суди ноҳияи Фирдавсӣ фиристонид. Суди ноҳияи Фирдавсӣ парвандаро аз нав дар доираи қонунгузорӣ баррасӣ карда, матлаби муаллифро қонеъ намуд.

Муроҷиати Р.Латифов- намояндаи Б.Халиев дар бораи норозӣ буданашон бо ҳалномаи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, аз 13 декабри соли 2010 бо даъвои В.Степанов нисбати Б.Халиев, Г.Халиев, Н.Казимиров бо намояндагии Л.Казимирова ва Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар бораи эътироф намудани ҳуқуқи соҳибмулкӣ нисбати манзили баҳсӣ, беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ва кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бе додани дигар манзили истиқоматӣ, басташуда эътироф намудани шартномаи шифоҳии хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, тибқи дастури расмии Раиси Маҷлиси миллӣ ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристонида шуд. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи зикргардидаро мавриди баррасӣ қарор дод. Муайян гардид, ки санади судӣ аз рӯйи парвандаи мазкур бо вайрон намудани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ қабул гардидааст. Ҳалномаи мазкур бо қарори назорати Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор ва парванда барои аз нав баррасӣ намудан ба ҳамон суд фиристонида шуд, ки дар натиҷа шикояти Р.Латифов бо намояндагии Б.Халиев бо ҳалномаи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе пурра қонеъ гашт.

Муроҷиати шаҳрванд Б.Менгибоев дар хусуси аз ҷониби баъзе кормандони милитсия роҳ додан ба қонуншиканиҳо тибқи супоришномаи Раиси Маҷлиси миллӣ барои баррасӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ ба Вазорати корҳои дохилӣ фиристода ва иҷрои он зери назорат қарор дода шуд. Вазорати номбурда муроҷиати мазкурро мавриди санҷиш қарор дода, барои рафторҳои ғайриоинномавӣ нисбати муовини сардори қабулгоҳи Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе, подполковники милитсия Ф.Қ. Нематов ва ваколатдори оперативии шӯъбачаи кофтукови ҷиноии шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе лейтенанти калони милитсия Раҷабов З. ҷазоҳои қатъии интизомӣ татбиқ намуд.

Муроҷиати Г.Шарипова- сокини шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Борбад, хонаи 27б, ҳуҷраи 72 ҷиҳати накӯчониданаш аз манзили зисти муваққатӣ бо супориши Раиси Маҷлиси миллӣ барои баррасӣ ба раиси Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб фиристонида шуд. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб муроҷиати шаҳрванд Г.Шариповаро, ки бо фарзандонаш муддати 12 сол бе манзили истиқоматӣ буд, бо манзили истиқоматӣ иборат аз ду ҳуҷра ва дорои 0,6 гектар замин таъмин намуд.

Муроҷиати А.В.Ҳусейнов аз Маркази ҳунар ва фарҳанги «Ҳушанг»-и шаҳри Истаравшан дар бораи вобаста намудани қитъаи замин барои идома додани сохтмони Маркази ҳунар ва фарҳанги «Ҳушанг» бо супоришномаи Раиси Маҷлиси миллӣ барои баррасӣ ба Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд фиристонида шуд. Мақомоти зикргардида муроҷиати шаҳрванд А.В.Ҳусейновро пурра қонеъ намуд.

Дар доираи қонунгузорӣ баррасӣ намудани муроҷиати шаҳрванд Ҳокими Сафар- истиқоматкунандаи ноҳияи Файзобод, деҳоти «Мискинобод», деҳаи Фатҳобод бобати расонидани кӯмаки молиявӣ ва таъмири хонаи истиқоматиаш бо супориши Раиси Маҷлиси миллӣ ба раиси Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Файзобод А.А.Ҳакимов ирсол гардид. Мутаассифона, масъалаи мазкур дар мӯҳлати муайянамудаи қонун ва баъди он ҳам ҳалли ниҳоии худро дарёфт накард. Аз ин лиҳоз, ду нафар кормандони масъули Дастгоҳ барои омӯхтани сабаб ва омилҳои тӯлкашии ҳалли масъала ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод ба сафари хизматӣ фиристода шуданд. Дар натиҷа Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Файзобод дар доираи қонунгузорӣ қарор қабул намуда, ба оилаи шаҳрванд Ҳокими Сафар 1500 сомонӣ ёрии моддӣ барои таъмири хонааш расонид.

Боиси тазаккур аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқоти чанде пеш бо роҳбарону мутахассисон ва фаъолони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ доирнамуда ба масъалаи баррасии муроҷиати шаҳрвандон низ дахл карда, дар ин робита саҳлангории масъулони шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Шаҳринав ва Варзобро мавриди интиқод қарор дод ва дар ин замина таъкид намуд: «Бинобар ин, сохторҳу мақомоти дахлдор, роҳбарону масъулони шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳотро зарур аст, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла тақсимоти замин ба мардум муносибати одилонаву ҷиддӣ намоянд». Ҳамзамон Сарвари давлат ба роҳбарон дастур дод, ки ба ин масъалаи бисёр муҳим эътибори ҷиддӣ диҳанд.

Таъкидҳои Ҷаноби Олӣ боз як таконе мебошад баҳри эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати дунявӣ, зеро муошират намудани ҳар як хизматчии давлатӣ ҳангоми муроҷиаташон бо шаҳрвандон ин, пеш аз ҳама, талаботи виҷдон, содиқ будан ба хизмати давлатӣ ва кӯшишест дар роҳи амалисозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон».

Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон корро дар самти қабули шаҳрвандон ва баррасии муроҷиатҳои онҳо мунтазам ҷоннок намуда, барои баррасии саривақтӣ, пешгирии такроран воридшавии онҳо тадбирҳои зарурӣ андешида, дар ин робита бо шаҳрвандон тавассути воситаҳои ахбори омма ва сомонаи интернетӣ дар алоқа мебошад.

***Бахтиёр ШАМОЛОВ,***
***Ҳокимбек СОДИҚОВ,***
***сармутахассисони шӯъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният***

# ҒАНОВАТИ БУҶЕТ АЗ РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТ АСТ

(Идома аз саҳ. 1)

-Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бояд барои гирифтани шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ бо аризаи хаттӣ ва замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ба Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи мораторияи муроҷиат намоянд. Дар навбати худ ин комиссия мутобиқати шахсони зикршударо ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис аз рӯйи истеҳсоли маҳсулоти таъиноти истеъмоли истеҳсолӣ ё шахсӣ, таъминоти моддию техникии истеҳсоли молу маҳсулот ва ҷалби техникаю технологияи нав дар таъмини афзоиши ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулот муайян мекунад. Тибқи муқаррароти қонун, Комиссияи зикршуда аризаро дар мӯҳлати ду моҳ баррасӣ карда, барои додани шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ қарор қабул менамояд. Ҷоиз ба зикр аст, ки агар Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория давоми ду моҳ аризаро баррасӣ ва аз рӯйи он қарор қабул накарда бошад, аризадиҳанда субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ ҳисобида шуда, мақоми ваколатдори давлатӣ ба ӯ дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми чоруми моддаи панҷуми қонун шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолиро медиҳад. Аз ин бармеояд, ки фаъолияти комиссия воқеан ҳам шаффофу одилона ҷараён хоҳад гирифт.

**-Маҳмадсаид Маҳмудович, дар қонун истисноҳо аз татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ дар назар дошта шудааст. Қисми зиёди соҳибкорон аз он хавотиранд, ки оё ин омил аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии санҷиш сӯиистифода намегардад?**

-Не, зеро чунин санҷишҳои истисноӣ дар ҳолатҳои зерин таъин ва бо огоҳонидани мақоми ваколатдори давлатӣ гузаронида мешаванд:

-агар аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ нисбати фаъолияти чунин субъектҳо оид ба вайрон намудани ҳуқуқҳои онҳо ба мақоми ваколатдори давлатӣ ё ба мақомоти ваколатдори давлатии санҷишӣ аризаи хаттӣ ворид гардад;

-агар санҷиш ба муомилоти маводи доруворӣ, сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ вобаста бошад;

-дар ҳолатҳои риоя накардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

-санҷиши объектҳое, ки ҳамчун объекти сатҳи хавфнокиашон баланд муайян шудаанд.

Муҳимтар аз ҳама он аст, ки мақомоти ваколатдори давлатии санҷиш мувофиқи талаботи моддаи шашуми қонун уҳдадоранд аз натиҷаи санҷиш ба Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория ҳисоботи хаттӣ пешниҳод намоянд.

**-Дар ҳамин радиф саволе пайдо мешавад, ки азназаргузаронии профилактикӣ дар давраи татбиқи моратория, ки дар қонун пешбинӣ шудааст, оё ҳолатҳои бо ин баҳона «меҳмон»-и соҳибкор шудану тамаъҷӯйӣ намудани баъзе кормандони мақомоти ваколатдори давлатии санҷишро ба вуҷуд намеорад?**

-Бояд хуб дарк намоем, ки истифодаи ҳуқуқҳои худ дар навбати аввал ба сатҳи донишу ҷаҳонбинии шахс вобаста аст. Яъне, агар дилхоҳ шахс, аз ҷумла соҳибкор, аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ огоҳ набошад, табиист, ки осонакак ба доми баъзе ашхоси бевиҷдон, ки мутаассифона, дар мақомоти ваколатдори давлатии санҷиш фаъолият доранд, меафтад. Бинобар ин, шаҳрвандонро мебояд аз қонунгузории мамлакат огоҳ бошанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо истифода аз он ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳифз намоянд. Вобаста ба азназаргузаронии профилактикӣ дар давраи амали моратория бояд зикр намоям, ки мақомоти ваколатдори давлатии санҷиш дар ин давра санҷишҳоеро, ки мӯҳлаташон тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаро расидааст, ба азназаргузаронии профилактикӣ иваз менамоянд.

Чунин азназаргузарониҳо бо мақсади таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии кормандон, таъмини бехатарии молу мулки субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва пешгирии риоя нагардидани муқаррароти қонунгузории андоз аз ҷониби истеҳсолкунандагони молҳои зераксизӣ ва истифодабарандагони қаъри замин амалӣ карда мешавад. Аз натиҷаи азназаргузаронии профилактикӣ шахсони мансабдори мақоми ваколатдори давлатии санҷиш уҳдадоранд тавсиянома таҳия намуда, онро ба субъекти дахлдор барои бартараф кардани камбудиҳо ва нусхаи онро ба Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория барои маълумот пешниҳод созанд.

**-Татбиқи мораторияи зикршуда танҳо барои корхонаҳое, ки техникаю технологияи навро барои васеъ кардани на кам аз нисфи истеҳсолот ҷалб менамоянд, аз ҷумлаи масъалаҳои баҳсбарангез зимни қабули қонун дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Шумо, ки роҳбарии яке аз корхонаҳои муқтадири истеҳсолии кишварро ба зимма доред, зарурати ин муқарраротро дар чӣ мебинед?**

-Бояд дарк намоем, ки бе нав намудани на кам аз нисфи техникаву технологияи истеҳсолот таъмини фаъолияти он дар сатҳу сифати нав имконнопазир аст. Сонияи, ин муқаррарот имкон намедиҳад, ки баъзе соҳибкорони бевиҷдон «обро лой намуда, моҳӣ доранд». Аз ҷониби дигар, ин иқдом боиси ҳавасмандии соҳибкорон ва омили асосии ривоҷи истеҳсолот хоҳад шуд.

**-Масъалаи дигаре, ки соҳибкорон ба он марок зоҳир менамоянд, ин баъди анҷоми моратория чӣ гуна амалӣ гардидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ дар давраи моратория мебошад.**

-Шумо ба яке аз масъалаҳои муҳим дахл намудед. Соҳибкорони мӯҳтарами мо бояд донанд, ки баъди анҷоми ин моратория фаъолияти субъектҳои дахлдор дар давраи моратория тибқи талаботи моддаҳои шаш ва ҳафтуми қонун, яъне истисноҳо аз татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва азназаргузаронии профилактикӣ дар давраи татбиқи ин моратория мумкин аст мавриди санҷиш ва азназаргузаронии профилактикӣ қарор дода шаванд. Дар дигар ҳолатҳо фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ дар давраи татбиқи мораторияи санҷишҳо мавриди санҷиш ва азназаргузаронии профилактикӣ қарор дода намешаванд.

**-Саломат бошед.**

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

● Ба истиқболи Рӯзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон

# Шаҳрвандон аз сифати маҳсулот қаноатманданд

Фабрикаи ресандагии ширкати «Олими – текстайлз», ки бо ҳидояти Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «20 – солагии Истиқлолият» номгузорӣ шудааст, дар доманаи қаторкӯҳҳои Қурама, паҳлуи шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд – Чанок дар масофаи зиёда аз се гектар доман паҳн карда, аз рӯйи иқтидори иқтисодӣ ва сомонолоту технологияи пешқадам дар Осиёи Марказӣ назир надорад. Ин корхонаи азамати кишвар маҳсулоташро ба дохил ва хориҷи кишвар ба фурӯш мебарорад ва алҳол дар навбати якуми он 435 нафар ба кори доимӣ фаро гирифта шудаанд.

Муассисон, коргарон, кормандони муҳандисӣ-техникӣ бо сарварии ҷавонмарди ташаббускор Ҷамшед Абдулов тамоми тадбирҳоро андешидаанд, ки барои меҳнати самараноку истироҳати бофароғати ҷомеаи меҳнатӣ шароити мусоиди корӣ фароҳам бошад. Маъмурияти коргоҳ ба рушди истеҳсолот, тарбияи кадрҳои ҷавон, пеш аз ҳама духтарони таҳҷой, эътибори махсус медиҳад. Хурсандиовар аст, ки мо дар роҳи амалӣ гардонидани нақшаву ниятамон дар доираи барномаи рушди истеҳсолот мунтазам пеш меравем. Ба корхонаҳои шарики хориҷию дохилӣ миқдори зарурии маҳсулот фиристода шуд. Боиси ифтихор аст, ки корхонаҳои ҳамкор аз сифати маҳсулоти мо қаноатманд мебошанд. Ин имкон медиҳад, ки барои вусъати шарикиҳои минбаъда заминаи мусоид гузошта шавад. Соли сипаришуда мо 2300 тонна ришта истеҳсол карда, зиёда аз 2000 тоннаашро ба фурӯш баровардем.

Ният дорем, ки соли ҷорӣ ҳам



бо истифода аз тарзу усулҳои пешқадами кор ва технологияи муосир истеҳсоли маҳсулотро бо сифати бозоргир ба роҳ монем. Барои ин, коргоҳ аз тамоми шароити мусоид бархӯрдор аст. Мутахассисони хориҷию ватанӣ ба масъалаи сифати маҳсулот ва самараи кор аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Коргоҳҳо бо технологияи ширкатҳои машҳури «Орликон», «Текстима», «Трушлер»-и Олмон ҷиҳозонида шуда, маҳсулот ҷавобгӯйии стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Шариконамонро, ки аз Туркия, Эрон, Федератсияи Россия, Украина, Полша, Литва, Қирғизистон мебошанд, сифати маҳсулоти мо қаноатманд месозад ва дар натиҷа ҳамкории судманди дутарафа торафт вусъат меёбад. Дар корхонаи мо, ки бо маблағи 130 миллион сомонӣ бунёд гардидааст, асосан пахтаи маҳиннах ва миёнанах истифода мешавад. Хурсандиовар аст, ки истеҳсолот рӯ ба рушд дорад ва саҳми коргоҳ дар пешрафти иқтисодиёти ноҳия пайваста меафзояд. Агар дар ҳамин давраи соли 2011 корхонаи мо 300 тонна нахи пахта қабул карда, коркарди онро ба 270 тонна расонида бошад, пас дар ҳамин давраи соли ҷорӣ ин рақамҳо мутаносибан 2338 ва 2542 тоннаро ташкил доданд. Бо истифода аз захираҳои молиявӣ музди меҳнати кормандон низ пайваста меафзояд. Ҳоло музди миёнаи моҳона дар коргоҳ 715 сомониро ташкил медиҳад, порсол ин нишондиҳанда 690 сомонӣ буд.

Корхонаи мо барои ғанӣ гардонидани буҷети ноҳия саҳми калон гузошта, барои иҷрои «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2008 – 2015», ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, чораю тадбирҳои амалӣ меандешад.

Ба кор даромадани навбати дуюми корхона имкон медиҳад, ки гардиши солонаи маҳсулот 270 – 280 миллион сомониро ташкил дода, шумораи коргарон ба 800 нафар расонида шавад. Мо кӯшиш дорем, ки бо такмили истеҳсолот рангуборкунии ришта, ҷӯроббофӣ, истеҳсоли сачоқҳои патдор, либосҳои тагпӯшро ба роҳ монем.

Баробари вусъати истеҳсолот, ба сохтмону навсозӣ низ эътибори ҷиддӣ медиҳем. Соли сипаришуда корхона соҳиби бинои дуқабатаи маъмурӣ, хонаҳои дорои шароити мӯътадили зист, ошхонаи замонавӣ гардида, коргарони ҳамаи шӯъбаҳо дар утоқҳои кории бо компютерҳои нав муҷаҳҳаз машғули коранд. Маъмурият ва Кумитаи иттифоқи касабаи корхона ба ҳифзи иҷтимоии коргарон эътибори зарурӣ медиҳад. Коргарон аз кӯмаки аввалияи тиббӣ бархӯрдор буда, се вақт бо хӯроки бепул таъмин мебошанд. Якҷоя бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои фароғати берун аз кор тадбирҳои мушаххас меандешем. Дар корхона рӯзҳои ид, санаҳои таърихӣ хеле хотирмон таҷлил гардида, пешқадамон бо ифтихорнома, тӯҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида мешаванд.

Корҳои ободонию азнавсозӣ, баробари пешрафти истеҳсолот, суръати тоза мегиранд. Ҳоло пойгоҳи техникӣ – нақлиётӣ мустаҳкам гардидааст ва коргарон аз Хуҷанд, ҷамоатҳои деҳоти «Оббурдон», «Палдорак», «Бӯстон», «Такалӣ» тавассути нақлиёти корхона оварда мешаванд. Азнавсозӣ ва ободонии пойгоҳи техникӣ-нақлиётӣ минбаъд ҳам дар назар аст.

Корхона боғи сарсабз дорад. Мо онро нияти васеъкунӣ дорем. Токзор аз ҳисоби беҳтарин навъҳои ангур пурра мешавад. Ғайр аз ин, ба шинондани дарахтони сояафкану ороишӣ, гулзор намудани роҳраву гулгаштҳои дохилу беруни корхона бригадаи махсус вобаста аст.

Ояндаи корхона умедворкунанда буда, баробари ба кор даромадани навбатҳои нави истеҳсолӣ иқтидори он дучанд ва сафи коргарон аз ҳисоби занону духтарони маҳаллӣ бамаротиб меафзояд, буҷети ноҳия ғанӣ мегардад, барои паст шудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ шароити мусоид фароҳам меояд. Дар оянда паҳлуи корхона шаҳраки замонавии коргарӣ бо тамоми васоити зиндагӣ қомат меафрозад, ки он ҷо фарзандону пайвандони кормандон зиндагӣ хоҳанд кард.

***Валӣ НАБИЕВ,***
***директори генералии Корхонаи ресандагии «20-солагии Истиқлолият»-и ноҳияи Мастчоҳ***

● Рӯзи кормандони сохтмон

# СОЗАНДАГИСТ ПЕШАИ МО

## Мусоҳиба бо директори Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдувалӣ Комилов



**-Абдувалӣ Ҳакимович, қаблан шумо ва тамоми сохтмончиёнро ба муносибати иди касбиатон муборакбод мегӯем.**

-Ташаккур ва аз таваҷҷуҳи рӯзномаи «Садои мардум» сипосгузорем.

**- Дарвоқеъ, бинокорону меъморон ашхосеанд, ки дар ҷомеа кори хайру муҳимро анҷом медиҳанд ва ба шарофати меҳнати суботкоронаи онҳо шаҳру деҳот ободу зебо мегардад. Вазъи феълии соҳа чӣ гуна аст?**

-Имрӯз, ки кишвари мо таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи созандагиро пеш гирифтааст, нақши бинокорон дар амалӣ гаштани нақшаҳои Давлату Ҳукумат хеле бузург аст.Ин ҷо бамаврид аст таъкиди Сарвари давлат: «Ба бунёдкориву созандагӣ рӯй оварда, эҳёи Ватани бостониамонро таъмин месозем!»-ро ёдовар шавем, ки шиори имрӯзаи бинокорону меъморон гардидааст. Барои рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ аз ҷониби Президенти мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам тадбирҳо андешида, барои самаранокии фаъолият шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Тавре маълум аст, бунёд ва ободии шаҳру ноҳияҳои кишвар аз ташкили мукаммали нақшаҳои генералӣ вобастагӣ дорад. Бинобар тақозои давру замон аз ҷониби роҳбарону мутахассисони Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаҳои генералии баъзе шаҳру ноҳияҳо аз нав таҳия гардиданд ва дар асоси он имрӯзҳо кор ҷараён дорад. Айни замон 30 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар асоси нақшаҳои генералии амалкунанда кор мекунанд. Нақшаҳои генералии ноҳияҳои Ҳисор ва Ишкошим бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012 таҳти №337 ва №338 тасдиқ шуданд.

Имрӯзҳо дар Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашии «Шаҳрофар» таҳияи нақшаҳои генералии шаҳрҳои Истаравшан, Конибодом, шаҳраки Нови ноҳияи Спитамен ва шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Истиқлол, Исфара, Дарвозу Темурмалик ва Мӯъминобод ҷараён доранд. Аз тарафи КВД «Лоиҳакаш»-и Агентӣ таҳияи нақшаҳои генералии ноҳияҳои Вахш ва Ҷиликӯл идома дорад.

Агар дар бораи корҳои амалию истеҳсолӣ сухан ронем, чанд далелеро аз натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти шашмоҳаи аввали соли 2012 овардан кифоя аст, то пешрафти назаррасро эҳсос намоем.

Дар ин давра сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 1 миллиарду 707 миллиону 68 ҳазор сомонӣ ҷалб шудааст. Аз ин ҳисоб фондҳои асосӣ ба маблағи 694 миллиону 75 ҳазор сомонӣ ба кор андохта шудаанд. Ҳамчунин дар моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ корҳои сохтмонию васлгарӣ дар ҷумҳурӣ ба маблағи 1 миллиарду 463 миллиону 878 сомонӣ ба иҷро расонида шудааст.

Давоми ин муддат ҳамчунин масоҳати умумии 247 ҳазору 513 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ мавриди истифода қарор гирифт. Инчунин барои 510 ҷой мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дармонгоҳ барои 37 ҷойи қабул дар як баст ва беморхона барои 32 кат ба истифода дода шуд.

**-Оё баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таҳия ва танзими системаи ягонаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ тағйирот ворид гардид?**

-Бале, ин яке аз самтҳои фаъолияти мутахассисони Агентӣ мебошад, ки барои танзими ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва мувофиқ гардонидани онҳо ба шароити имрӯзаи кишвар кори зиёдеро анҷом медиҳанд. Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нигоҳдории системаи ягонаи ҳуҷҷатҳои меъёриро дар сохтмон ҳамчун асоси ҳамкорӣ дар соҳаи меъморӣ ва сохтмонӣ ҷонибдорӣ карда, то таҳияи системаи миллии худ аз системаи мавҷуда истифода мебарад. Мувофиқ ба меъёрҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтмон зиёда аз 1200 меъёрҳои гуногуни батанзимдарорандаи соҳа мавҷуд ҳастанд. Дар ин раванд аз ҷониби мутахассисони Агентӣ 151 ҳуҷҷати гуногун таҳия ва нашр шудааст. Табиист, ки ин миқдор барои танзими соҳа басанда набуда, талабот ба меъёрҳои нав ва мукаммалгардонидашуда зиёд мешавад. Бо мақсади таъмини нишондодҳои меъёрӣ, дар ҳолати ҷавобгӯй набудани меъёрҳои амалкунанда, Агентӣ ба лоиҳакашон ва сохтмончиён то таҳияи меъёри миллӣ шартҳои техникии ҷудогонаро таҳия ва дастрас менамояд.

**-Эътирофи мутахассисони соҳаи сохтмони тоҷик дар арсаи байналмилалӣ чӣ гуна аст?**

-Саволи бамаврид аст, зеро баъди ба даст овардани истиқлолият бинокорону лоиҳакашон, меъморону коргарони соҳа имконоти васеътар пайдо карданд, ки ҳунару истеъдоди хешро сайқал додаву баҳри ободии Ватан сарф кунанд. Имрӯзҳо бо қувваи сохтмончиёни маҳаллӣ иншооти зиёди хуштарҳу замонавӣ, нақбу неругоҳҳо бунёд меёбанд. Олимону мутахассисон, лоиҳакашону меъморони тоҷик дар арсаи байналмилалӣ обрӯю эътибори хоса касб мекунанд. Ширкати онҳо дар озмунҳои байналмилалӣ ва аз ҷониби ҳакамони бонуфуз баҳои баланд гирифтани тарҳи лоиҳаҳои онҳо гувоҳи ин гуфтаҳост. Ғолибият дар озмуни байналмилалии аз ҷониби Шӯрои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкорӣ дар фаъолияти сохтмонии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузоршуда шӯҳрати кормандони соҳаро баланд бардошт. Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонҳои соҳавии «Бинокори фахрӣ» ва «Меъмори фахрӣ»-ро ташкил ва мутахассисони арзандаи ҷумҳуриро, бо назардошти саҳми арзандаашон, қадрдонӣ менамояд.

**-Соли гузашта ба истиқболи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бо иқдоми Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон китобе нашр гардид зери унвони «Бинокорони Истиқлол» ва алҳол иттилоъ пайдо кардем, ки китоби навбатие оид ба сохтмончиёни мамлакат таҳия мешавад...**

-Дуруст аст, чунин кор оғоз ёфтааст ва таҳияи китоб идома дорад. Месазад, ки доир ба фаъолияти бунёдкорона ва созандаи онҳое, ки дар ободиву шукуфоии Ватани азизамон бо кори амалӣ саҳм мегузоранд, садҳо китоб иншо шавад. Китоби мазкур тӯҳфаи навбатии мо ба ҷашнҳои ифтихории солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 20- солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад буд.

***Б.КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

# МАКТАБҲО БА СОЛИ ХОНИШ ОМОДААНД

Соли нави хониш наздик аст. Ба ин муносибат дар тамоми мактабҳои ноҳияи Файзобод таъмир босуръат идома дорад. То ин дам аз 58 таълимгоҳ 50 ададаш ба соли нави хониш омода карда шудааст.

Тавре мудири шӯъбаи маорифи ноҳияи Файзобод Фатҳуддин Абдуллоев иброз намуд, бо мадади Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод, волидайни хонандагон, ҷамоатҳои деҳот ва шӯъбаи маорифи ноҳия якчанд синфхонаҳои иловагӣ дар деҳаҳои Карсанг, Ғуломдавлат барои 320 нафар хонанда ва як мактаби ибтидоӣ дар деҳоти «Арча» сохта, ба истифода дода шуд. Имсол мувофиқи нақша мактаби нав дар деҳаи Чилчашма барои 624 нафар хонанда, дар деҳаи Дашти Марзо барои 320 нафар хонанда сохта мешаванд. Ҷиҳати омодагӣ ба зимистон аллакай ба мактабҳо 500 тонна ангишт ва ба қадри зарурӣ ҳезум ворид шудааст. Омӯзгорон рӯйхати пурраи хонандаҳои синфҳои якумро аз ҳозир ба қайд гирифтаанд.

-Зимни ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзгорони ноҳия аз баланд гардидани музди меҳнаташон хурсанд гардида, ният кардаанд, ки баҳри боз ҳам боло бурдани сифати таълим ва тарбияи насли наврас саҳми арзанда хоҳанд гузошт,- гуфт Ф. Абдуллоев.

***Маҷид ҲОМИДОВ,***
***ноҳияи Файзобод***

# ТЕЪДОДИ БАНКОМАТҲОИ ТОҶИКСОДИРОТБОНК МЕАФЗОЯД

Дар ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон банкомати нави ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» насб карда, мавриди истифода қарор дода шуд. Ҳамин тавр, шумораи банкоматҳои бонк ба 121 адад расид, ки дар муқоиса ба панҷ соли сипаришуда шаш маротиба бештар аст. Танҳо дар давоми як соли охир бонк 60 адад банкомат ва 40 POS-терминал харидорӣ карда, дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат насб намудааст.

***Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»***

# ОФАТИ ТАБИӢ ДАР РАШТ

Панҷуми августи соли равон бар асари боридани жола ва борони аз меъёр зиёд деҳаи Мулобароти деҳоти «Ҷафр»-и ноҳияи Рашт дучори сел гардид. Сел ба ду хонаи истиқоматӣ ва 36 қитъаи замини наздиҳавлигӣ зарар расонид. Аксари зироати заминҳои наздиҳавлигӣ, аз қабили картошка, пиёз ва ғайра нобуд гашта, киштзорҳоро сангу шағал пур намуд. Инчунин шаш бинои ёрирасон (3 оғилхона ва 3 ошхона) қисман хароб гардида, ду мағозаи молҳои рӯзғор низ хисороти молӣ дид. Роҳи аҳамияти байналмилалидоштаи шоҳроҳи Ваҳдат-Рашт–Ҷиргатол, ки дар километри 178 –ум муваққатан маҳкам шуда буд, аз тарафи хадамоти роҳ ва нақлиёт пурра барқарор карда шуд. Роҳҳои байни деҳаҳо бошад, пурра хароб гардиданд.

Бар асари ин ҳодиса хати оби нӯшокии деҳа аз истифода баромад. Як қисми аҳолӣ аз оби нӯшокӣ ва қувваи барқ маҳрум гардид. Ҷиҳати бартараф намудани ҳодисаи бавуқӯъомада аз ҷониби Ситоди ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Рашт Муассисаи нигоҳдории роҳҳои автомобилгард, ташкилоту идораҳои дахлдор сафарбар карда шудаанд. Инчунин сокинони деҳаҳои Ҷафр, Ҳиҷборак, Сафедхок, Шаҳринав ва Белгӣ ба ҳашари умумӣ баромада, ба мардуми зарардида дасти ёрӣ расониданд.

Тавре сокинони деҳот иброз доштанд, ҳодисаи мазкур тақрибан соати 18:30 дақиқа ногаҳонӣ ба вуқӯъ пайваст. Шамоли сахт ва абру тӯфон аз самти Шарқ ҳаракат кард, ки касе аз сокинони деҳот чунин ҳодисаро интизор набуд.

Ҳамчунин бар асари боришоти шадид, ки шоми шашуми августи соли ҷорӣ дар деҳоти «Қалъаи Сурх» ва «Нусратулло Махсум» рух дод, сокинони шаш деҳа хисороти ҷиддӣ диданд. Тавре аз Ситоди ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Рашт хабар доданд, дар деҳаҳои Кадара, Кулобаи деҳоти «Қалъаи Сурх» ва деҳаҳои Қазноқ, Машконак ва Вардучи деҳоти «Нусратулло Махсум» зиёда аз 230 хоҷагӣ зарар дидаанд. Ба таҳхонаҳои 30 хонаи истиқоматӣ селоба (лоиқа) даромада, кишти 167 қитъаи замини наздиҳавлигӣ несту нобуд гаштааст. Инчунин 35 бинои ёрирасон (18 оғилхона ва 17 ошхона) низ қисман хароб ва нобуд шудааст. Илова бар ин, зиёда аз ду километр роҳҳои маҳаллӣ ва як пули мошингузар пурра хароб гардида, рафтуомад байни деҳаҳои Қазноқ ва Вардучу Машконак муваққатан қатъ гардидааст. Талафоти чорво низ ба қайд гирифта шудааст.

Ҷамъулҷамъ зиёда аз 4500 нафар аҳолии сокинони ҳафт деҳа дар давоми ду рӯзи охир аз хати оби нӯшокӣ ва қувваи барқ маҳрум гаштанд.

Аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт барои муайян намудани маблағи хисороти расида ба аҳолӣ комиссия ташкил карда шуд, ки дар рӯзҳои наздик зарари хисоротро муайян хоҳанд кард.

***Ҷамшеди ҲОМИД,***
***хабарнигор***

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН !**

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Микдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2363/1-1077 | Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Мебел, молҳои техникӣ, принтер | номгӯй | 10 | 21.08.2012 соати $9^{00}$ |
| 2364/1-1078 | Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои тиббӣ | номгӯй | 48 | 29.08.2012 соати $09^{30}$ |
